Хулосаи

комиссияи ташхис оид ба диссертатсияи Кенҷаева Озодамо Убайдуллоевна дар мавзуи **“Феъҳои таркибии номӣ, хусусиятҳои морфологӣ ва луғавӣ-маъноии онҳо дар насри бадеии Сотим Улуғзода»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ

Тадқиқу омӯзиши феъҳо дар насри бадеии адибони давраҳои классикӣ ва муосир яке аз масъалаҳоест, ки таваҷҷуҳи забоншиносони тоҷикро торафт бештар ба худ ҷалб карда истодааст. Аз ин ҷиҳат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ишора карда, муҳим ва мубрам будани ин гуна таҳқиқотро ҳамеша таъкид мекунанд. Аз ин сабаб таҳлилу тадқиқи феъҳои таркибии номӣ низ хеле аҳаммиятнок буда, то ҳол ҳаллу фасл нагардида буд. Муаллифи диссертатсияи мавриди назар Кенҷаева О.У. дар назди худ мақсад гузоштааст, ки феъҳои таркибии номиро дар асоси насри бадеии адиб таҳлил карда, ҳамчунин таваҷҷуҳи мутахассисинро ба таҳқиқи забони осори адабии нависанда ҷалб намояд.

Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, ду боб, хулоса, феҳристи осори таҳқиқии унвонҷӯй иборат аст. Дар муқаддима (с.4-15) мубрамиву дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, мақсаду вазифаҳо, навгонии илмии диссертатсия, усулҳои пажуҳиш, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, объекту предмети таҳқиқ, сарчашмаҳои маводи гирдомада, нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда, саҳми шахсии унвонҷӯ дар пажуҳиши мавзуъ, коркарди амалии натиҷаҳои диссертатсия ва монанди инҳо баррасӣ гардидаанд.

Боби аввали диссертатсия - “**Хусусиятҳои морфологии феъҳои таркибии номӣ дар насри бадеии Сотим Улуғзода**” (с.16-77), аз чор фасл фароҳам омада, муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки феъҳои таркибии номиро дар шакли рисолавӣ дар пояи насри бадеии адиб таҳқиқ намуда, сатҳи омӯзиш ва доираи таҳқиқи онҳоро баррасӣ ва таҳлил кунад ва сохтори морфологии феъҳои таркибии номиро дар эҷодиёти нависанда муайян карда, ҷузъҳои онҳоро дар ин осор тасниф намояд. Инчунин ба доираи таваҷҷуҳи илмии диссертант гузаронидани таҳлили лексикию маъноии феъҳои таркибии номӣ дар насри бадеии адиб дохил гардида, ӯ кӯшиш намудааст, ки дараҷаи корбурди онҳоро дар насри бадеии нависанда нишон диҳад.

Муаллиф нахуст дар фасли аввали боб, ки “Афкори назарии муҳаққиқон доир ба феъҳои таркибии номӣ” унвон гирифтааст, зикр мекунад, ки таҳлилу таҳқиқи феъҳо аз тарафи забоншиносони тоҷик асосан солҳои бистуми асри XX ба таври ҷиддӣ оғоз ёфт. Дар дастуру китобҳои дарсии солҳои 20-40 доир ба феъҳо маълумоти муайяне оварда шудааст, аммо истилоҳи «феъҳои таркибӣ» ба назар намерасад.

Баъдан дар фасли дуюм, диссертант дар бораи умумият ва тафовути феълҳои таркибии номӣ аз ибораҳои фразеологии феълӣ муҳокимаронӣ карда, доир ба мансубияти ҷузъи номии феълҳои таркибии номӣ ба ин ё он ҳиссаи нутқ, сохти морфемӣ ва маънои луғавии он сухан меронад.

Дар фасли сеюми ин боб сохтори морфологии феълҳои таркибии номиро ба риштаи тадқиқ кашида, ӯ таъкид мекунад, ки феълҳо аз ҷиҳати сохт *сода, сохта* ва *таркибӣ* буда, феълҳои таркибӣ ба ду гурӯҳ – *феълҳои таркибии феълӣ* ва *феълҳои таркибии номӣ* ҷудо мешаванд, ҷузъи номӣ дар онҳо бори асосии маъноро бар дӯш дорад, маънои тамоми феъли таркибиро муайян месозад ва м. инҳо.

Дар фасли чоруми боб муаллиф дар бораи 25 феъли ёридиҳанда, ки дар ташаккулёбии феълҳои таркибии номӣ дар забони насри бадеии устод Сотим Улуғзода корбаст мешаванд, сухан меронад. Муҳаққиқ дар натиҷаи таҳлилу баррасӣ муайян мекунад, ки ҷузъи феълии *кардан* аз ҳама сермаҳсул буда, феълҳои таркибии номии хеле зиёд месозад. Муҳаққиқ дар натиҷаи таҳлилу баррасӣ муайян мекунад, ки ҷузъи феълии *кардан* аз ҳама сермаҳсул буда, феълҳои таркибии номии хеле зиёд месозад, ба монанди: *адо кардан, бемордорӣ кардан, васф кардан, гӯсфанд кардан, додхоҳӣ кардан, етал кардан, имоматӣ кардан, намоз кардан, панҷяккорӣ кардан, расидагӣ кардан, таоруф кардан, хоҳишгарӣ кардан, ҳуй кардан* ва ғайра. Барои собит кардани нуқтаи назари худ муҳаққиқ ҷадвал тартиб додааст.

Боби 2-юми диссертатсия "Таҳлили лексикию маънои феълҳои таркибии номӣ дар насри бадеии Сотим Улуғзода" ном дорад. Дар фасли якуми он - "Сермаъноии феълҳои таркибии номӣ" масъалаи маъноҳои гуногун пайдо кардани феълҳои таркибии номии насри бадеии нависанда ҳаллу фасл карда шудааст. Аз ҷумла, дар фасли якуми боб таъкид мегардад, ки сермаъноии калима номи мафҳумҳои гуногуни воқеиятро дар забон ифода мекунад" (с.78-149) аз ҳафт фасл иборат буда, дар онҳо муаллиф дар бораи фарқ кардани сермаъной ва ҳамгуншавии калимаҳо, аз ҷумла феълҳои таркибии номӣ андешаронӣ карда, таъкид месозад, ки сермаъной ба категорияҳои хеле серпаҳлуи забон тааллуқ дошта, ҳамаи қисматҳои забон, аз қабили сарф, наҳв, фразеологияро дар бар мегирад. Дар натиҷаи таҳлил диссертант ошкор кардааст, ки дар забони тоҷикӣ сермаъной бо васеъшавии маънои луғавӣ ва грамматикии ҷузъи номӣ ё феълии феълҳои таркибии номӣ вобастагии сахт дорад. Ҳар ду ҷузъ дар сохтани феълҳои таркибии номии сермаъно фаъолона иштирок мекунанд ва инро бо мисолҳо аз насри бадеии устод Сотим Улуғзода собит месозад.

Фасли дуюми боби дуюми диссертатсия "Муродифшавии феълҳои таркибии номӣ" ном дорад ва дар он масъалаҳои муродифшавии феълҳои таркибии номӣ бо ҳам таҳлил карда шудаанд.

Фасли сеюми боби мазкур "Мутазодшавии феълҳои таркибии номӣ" унвон гирифтааст. Муҳаққиқ бар он ақида аст, ки дар феълҳои таркибии

номӣ мутазодшавӣ ҳам метавонад ба ҷузъи номӣ, ё ҷузъи феълӣ ё ҳар ду ҷузъҳо вобаста бошад.

Фасли чоруми боби дуюм "Ҳамгуншавии феълҳои таркибии номӣ" номгузорӣ шудааст ва масъалаи ҳамгуншавии феълҳои таркибии номиро таҳти таҳқиқ қарор медиҳад. Ҳамгуншавӣ дар ҳамаи ҳиссаҳои нутқ, аз ҷумла дар феълҳои таркибии номӣ низ ба назар мерасад, ки инро ҳамчун ҳодисаи мусбат ва мусоидаткунанда ба ғановати забон метавон арзёбӣ кард.

Дар фасли панҷум - «Феълҳои таркибии номии аслӣ ва маҷозӣ» муҳаққиқ зикр мекунад, ки аксарияти феълҳои таркибии номии насри бадеии феълҳои таркибие ташкил медиҳанд, ки ҷузъи номиашон ба маънои аслии худ омадааст ва ин бесабаб нест, зеро маънои аслии калимаҳо қодир аст, ки бештар воқеияти атрофро инъикос намояд.

Дар фасли шашум, ки "Феълҳои таркибии номии серистеъмол ва камистеъмол" номида шудааст, муҳаққиқ серистеъмоливу камистеъмолии феълҳои таркибии номии забони муосири тоҷикиро вобаста бо ҷузъи феълиашон зимни насри бадеии Сотим Улуғзода мавриди назар қарор дода, аз ҷумлаи серистеъмолтарин ҷузъи феълӣ будани *карданро* бо мисолҳо аз насри бадеии нависанда тасдиқ кардааст.

Фасли ҳафтуми боби дуюм -"Феълҳои таркибии ҷузъи номиашон тоҷикӣ ва иқтибосӣ", масъалаҳои муҳимми таркиби луғавии забони адабии тоҷик, аз ҷумла таърихи баромади феълҳои таркибии номӣ баррасӣ гардидааст. Муҳаққиқ дар хусуси аслӣ ё иқтибосӣ будани феълҳои таркибии номии насри бадеии Сотим Улуғзода аз рӯйи ҷузъи номии феълҳои таркибӣ ақидаронӣ кардааст.

Дар таҳқиқи худ диссертант ба чунин хулосаҳо омадааст, ки ҳиссаҳои нутқ ҷузъи номии феълҳои таркибии номӣ шуда метавонанд. Дар ин вазифа исм яке аз ҳиссаҳои сермаҳсултарини нутқ мебошад. Сифат низ ҳиссаи нутқест, ки дар ташаккули феълҳои таркибии номӣ фаъол аст, мебошад, ки Сотим Улуғзода аз онҳо зиёд истифода бурдааст. Ҳодисаҳои сермаъной, муродифшавӣ ва ҳамгуншавӣ, ба маънои аслӣ ва маҷозӣ омадан, аслан тоҷикӣ ё иқтибосӣ будани феълҳои таркибии номӣ низ дар осори адиб ба назар мерасанд.

Диссертант дуруст қайд кардааст, ки феълҳои баррасишудаи насри бадеии нависанда аз он шаҳодат медиҳанд, ки ба адиб сабки махсуси ифода кардани фикр хос аст. Феълҳои таркибии номӣ дар раванди ҷаззоб гардондани забони асарҳои нависанда нақши бузург бозида, тарзи баёни устод Сотим Улуғзодаро таъсирбахш ва хотирмон гардондаанд.

Ба ин тариқ, диссертатсияи Кенҷаева О.У. таҳқиқоти ҷиддӣ, анҷомёфта ва арзишманди илмӣ ҳисоб ёфта, навоварияш дар он зоҳир мегардад, ки нахустин бор паҳлуҳои гуногуни феълҳои таркибии номии насри бадеии нависандаи бузурги адабиёти муосири тоҷик Сотим Улуғзода баррасӣ гардида, масъалаҳои мухталифи сохтор ва маънои онҳо рӯйи кор омадааст ва бо зикри маводи фаровон ошкор гардидааст.

Фишурдаи диссертатсия ва мақолаҳои нашр намудаи унвончӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсияи илмӣ мебошанд.

Бо боварӣ метавон гуфт, ки таҳқиқоти мазкур дар оянда ҷихати омӯзиши ҳамаҷонибаи феълҳои таркибии номӣ кумак расонида, аҳамияти илмиву амалии он низ маҳз дар ҳамин нукта зоҳир мешавад.

Дар баробари комёбиҳои фаровон дар диссертатсияи мавриди назар дар ҳолатҳои алоҳида ғалатҳо ва нуктаҳои баҳсталаб мушоҳида мешаванд, ки, ба назари мо, ислоҳи минбаъдаи онҳо боиси болоравии ҳусни таҳқиқоти мазкур хоҳад шуд:

1. Беҳтар мебуд, агар номи рисола дар шакли "Вижагиҳои сарфӣ ва луғавии феълҳои таркибии номӣ дар насри бадеии Сотим Улуғзода" мухтасаран оварда мешуд. Дар ин ҳолат номи диссертатсия ба мазмуни умумии он мувофиқат мекунад.
2. Таносуби қисматҳои муқаддима баъзан нокифоя риоя шудааст. Масалан, агар "Асосҳои назариявии таҳқиқ" ҳаҷман як сархатро ташкил диҳад, "Асосҳои методологии таҳқиқ" ҳаҷман аз он хеле зиёд аст.
3. Муаллиф дар шарҳи баъзе феълҳо бо овардани таҳлили сохторӣ маҳдуд шуда, ҷихати маъноию луғавии онҳоро шарҳ надодааст.
4. Дар диссертатсия баъзан ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар расиданд.

Бояд таъкид намуд, ки эродҳои фавқуззикр хусусияти ҷузъӣ дошта, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро паст намегардонанд. Мазмуни диссертатсияи Кенҷаева О.У. таҳти унвони «Вижагиҳои сарфӣ ва луғавии феълҳои таркибии номӣ дар насри бадеии Сотим Улуғзода» бо фишурдаи он ва 6 мақолае, ки 4-тои онҳо дар маҷаллаҳои ба феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилшаванда интишор шудаанд, комилан мувофиқ мебошад.

Диссертатсия бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф мувофиқат менамояд. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ таъйин шудаанд, комилан мувофиқат мекунад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Кенҷаева Озодамо Убайдуллоевна «Вижагиҳои сарфӣ ва луғавии феълҳои таркибии номӣ дар насри бадеии Сотим Улуғзода» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум, таҳти №267 тасдиқ шудааст, инчунин ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ аст. Муаллифи диссертатсия сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

Комиссияи ташхис муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ–таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

1. **Нозимов Абдулҳамид Абдуалимович** – д.и.ф., профессор, мудири кафедраи забонҳо ва фанҳои гуманитарии Филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологӣ “МИСиС” дар ш. Душанбе;

2. **Раҳмонов Бахтиёр Нурмаҳмадович** – н.и.ф., дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ.

Муассисаи пешбар – Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ.

Раиси комиссияи ташхис:
д.и.ф., профессор, узви
шурои диссертатсионӣ — Раҳмонова Н.М.

Аъзои комиссияи ташхис:
д.и.ф., профессор, узви
шурои диссертатсионӣ — Ҳомидов Д.Ҳ.

д.и.ф., профессори кафедраи
забони тоҷикии ДДТТ
ба номи Абуалиибни Сино — Қосимов О.Ҳ.

имзои подпись Ҳомидов Д.Ҳ.
ТАСДИҚ МЕКУНАМ / ЗАВЕРЯЮ
Сардори РК ва КМ ДМТ / Начальник УК и СЧ ТНУ
Тавқиев Э. Ш. (имзо-подпись)

04.01.23

имзои/подпись
Қосимов О.Ҳ.
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ РРК
/НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ/УРК
“ ” 20 с/г